# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон Маҳмадиевич дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02- Таърихи ватанӣ).**

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, то барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар минтақаҳои ҳозираи Тоҷикистон омӯзиши захираҳои сузишворӣ-энергетикӣ ва инчунин амалан азхудкунии онҳо аз имкон берун буд. Бояд қайд кард, ки масоили азхудкунии захираҳои сузишворӣ-энергетикӣ таваҷҷуҳи аморати Бухоро ва низоми мустамликавии Россияро ҷалб намекард. Манфиати онҳо асосан дар баланд бардоштани андози деҳқонон ва табдил додани минтақаҳо ба макони ба даст овардани ашёи хоми муносиб зам мегардид. Танҳо дар ҷойҳое, ки зарур буд, корхонаҳо ва фабрикаҳои начандон калон, шахтаҳо, роҳҳои оҳан сохта шуд, ки талаботро ба муҳаррикони начандон калони барқӣ ба вуҷуд овард.

Таҳаввулоти инқилобии солҳои 1917-1920 халқи тоҷикро аз беҳуқуқии чандин асра, истисмор ва таҳқир озод намуда, ба шоҳроҳи васеи равандҳои дигаргунсозандаи демократӣ ҳидоят намуд. Омӯзиши ин равандро таҳқиқоти номзадии Алимардонов Бобохон дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) дарбар мегирад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқи мазкур дар он аст, ки метавонанд зимни тарҳрезии масъалаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик, фарҳанги он, энергетикаи вилояти Хатлон, дар таҳқиқоти иловагӣ доир ба таъриху фарҳанги минтақаҳои гуногун ва ноҳияҳои кишвар, зимни гузарондани курсҳои алоҳида доир ба таърихи энергетикаи кишвар ва ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик, дар бозгашт ба равшансозии масъалаҳои фаромушшудаи сиёсати ҳукумати шуравӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди фарҳангии ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навистани асарҳои алоҳида, брошюра ва мақолаҳои истифода шавад, ки онҳо ташаккулёбии маҷмааи обию энергетикии Тоҷикистонро, бо инобати дурнамои азхудкунии захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар, ки онҳо имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандҳои фарҳангии Тоҷикистонро равшантар месозанд, ба пуррагӣ нишон медиҳанд.

Албатта, таҳлил, хулосабарорӣ ва равшансозии нақши қувваи барқ

дар инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, рушди иқтидори иқтисодии ноҳияҳои зикршуда, нишон додани нақши табдилдиҳандаи қувваи барқ дар инкишофи фарҳанг, илм, таҳсилот дар ин ноҳияҳо рукни асосии мавзӯи таҳқиқотӣ мебошанд.

Тавре аз автореферати диссертатсия маълум аст, асоси таҳқиқи мазкурро усули мушкилотӣ-хронологӣ ташкил медиҳад, ки барои муайян намудани таърихи электрикунонии ин минтақаи наздисарҳадӣ ва аҳаммияти он дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангию маишии аҳолии минтақа имконияти хуб фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Алимардонов Б.М. дар мавзӯи "Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) дар шароити муосир арзиш ва аҳамияти баланди илмиро касб менамояд.

Автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонов Бобохон дар мавзӯи "Таърихи электрикунонии ноҳияҳои Ҷанубу Шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02-Таърихи ватанӣ) мебошад.

Муқарриз:
Сардори раёсати таълими Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.т., дотсент Маҳмадзода У.Д

Имзои н.и.т. дотсент, сардори
раёсати таълимро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ғаюров Ф.З.

20.05.2024

Почтаи электронӣ: ubaidullo.88@mail.ru, тел: 918-42-95-24
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир - 33